Тақриз

Роҳбари илмӣ оид ба фаъолияти илмии довталаб Сафаров Фируз Холназарович, ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 03.02.11-паразитология дар мавзуи «Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ» рисолаи илмӣ пешниҳод кардааст.

Сафаров Фируз Холназарович хатмкардаи факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур мебошад.

Ҳангоми таҳсил дар донишгоҳ дар қатори беҳтарин донишҷӯёни курс буд, ки ба ӯ имкон дод, ки ҳамчун аспирантура ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул шавад.

Соли 2006 баъди дохил шудан ба аспирантура мавзуи рисола тасдиқ карда шуд. Дар давраи таҳсил Сафаров Фируз Холназарович ҳамчун аспирант ҳамаи имтиҳонҳои номзадиро супурда, рисолаи номзади тайёр кард. Довталаб худро ҳамчун муҳаққиқи соҳибихтисос ва дорои омадагии баланди назариявӣ дар соҳаи паразитология, азхуд кардани усулҳои муосири таҳқиқоти озмоишӣ ва азхудкунии методология ва усулҳои гузаронидани корҳои илмӣ исбот кардааст.

Бояд гуфт, ки қабл аз тасдиқи мавзӯъи Сафаров Ф.Х. дар рафти гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дониш ва қобилияти ба даст овардани материали боэътимоди худро нишон дод.

Хусусияти хоси Сафаров Ф.Х. аз он иборат аст, ки вай хело ғайратманд буда, тамоми вазифаҳоеро, ки дар наздаш гузошта шудаанд, дӯст медорад. Натиҷаи маълумотҳо дар нашрияҳои солона ба даст омадаро дар ҷумҳури пешниҳод намуда, фикру мулоҳизаҳои илмии худро берун аз ҷумҳури низ чоп кардааст.

Хулоса метавон гуфт, ки дар симои довталаб Сафаров Ф.Х. кадрҳои тайёри илмию педагогии ояндаро дидан мумкин аст.

Роҳбари илмӣ: профессори кафедраи
фармакология ва паразитологияи
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
доктори илмҳои ветеринарӣ Розиқов Ш.Ш.

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.